**Суратмаҷлиси №7**
**оид ба баргузории ҷаласаи навбатии кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ**

аз 13.02.2025с. ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:** мудири кафедра, д.и.ҳ., профессор Мирализода И.Қ., д.и.ҳ., профессор Холиқзода А.Ғ., д.и.ҳ., профессор Раҳмон Д.С., н.и.ҳ., дотсент Саъдизода Ҷ., н.и.ҳ., дотсент Бобоева Н.И., н.и.ҳ., дотсент Саидзода И.И., н.и.ҳ., дотсент Шоев Ф.М., н.и.ҳ., дотсент Искандаров Ш.Ф., н.и.ҳ., ассистент Исозода П.А., н.и.ҳ., ассистент Сафарализода Д.С., н.и.ҳ., ассистент Холиқов Н.А., муаллимони калон Холиқова О.А., Исматова М.Ҳ. ва ассистентон Азимов С.Ш., Аҳадзода А.А., Муминзода М.Н., Бобозода У.Э., Иброҳимзода Ш.Ҳ., Сайфуддинзода Ф.С. ва лаборанти кафедра Азизов С.С.

**Рӯзномаи маҷлис:**

**8.1. Муҳокимаи рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Сайвализода Ҷумахон Сайвалӣ** дар мавзуи **«Таҳаввул ва рушди ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, зери роҳбарии д.и.ҳ., профессор Насриддинзода Э.С.**

Раиси ҷаласа д.и.ҳ., профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ Мирализода И.Қ. қайд намуд, ки масъалаи навбатии рӯзномаи ҷаласаи имрӯзаро муҳокимаи рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Сайвализода Ҷумахон Сайвалӣ дар мавзуи «Таҳаввул ва рушди ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, зери роҳбарии д.и.ҳ., профессор Насриддинзода Э.С. ташкил медиҳад.

Барои баёни мухтасари мубрамият, нуктаҳои асосӣ ва мазмуни рисола сухан ба унвонҷӯ Сайвализода Ҷ.С. дода шуд. (Баромад замима мегардад)

Баъди баромади Сайвализода Ҷ.С. аз ҷониби устодони кафедра ба ӯ саволҳо дода шуд, ки ба ҳамаи саволҳо ҷавобҳои мушаххас гардонид.

Сипас сухан ба роҳбари илмии унвонҷӯ, профессор Насриддинзода Э.С. дода шуд. Дар баромад устод қайд намуд, ки рисолаи илмии унвонҷӯ

Сайвализода Ҷ.С. дар мавзуи «Таҳаввул ва рушди ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар Тоҷикистон» кори илмии аҷномёфта буда, нахустин таҳқиқоти илмӣ дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Татбиқи он барои ҳадафҳои стратегии давлат мусоидат мекунад. Ҳамзамон қайд намуданд, ки Сайвализода Ҷумахон Сайвалӣ аз соли 2012 то ин ҷониб ба фаъолияти илмӣ-омӯзгорӣ машғул буда, қобилияти баланди эҷодӣ дорад.

Диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мутобиқат намуда барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур тавсия дода мешавад.

Мудири кафедра қайд намуд, ки нусхаи рисола ба устодони кафедра н.и.ҳ., дотсент Бобоева Н.И., н.и.ҳ., дотсент Шоев Ф.М. ва н.и.ҳ., дотсент Искандаров Ш.Ф. пешакӣ тақсим гардида буд. Аз устодони мазкур хоҳиш карда шуд, ки андешаҳояшонро оид ба рисола иброз намоянд.

Нахуст сухан ба н.и.ҳ., дотсент Бобоева Н.И. дода шуд. Ӯ андешаҳояшро оид ба рисолаи илмии Сайвализода Ҷ.С. иброз намуд. Мавсуф қайд кард, ки рисолаи илмии унвонҷӯ дар сатҳи хуб омода карда шудааст. Ҳамзамон баъзе камбудиҳо мавҷуд буданд, ки унвонҷӯ онҳоро ислоҳ кардааст.

Баъдан сухан ба дотсент Шоев Ф.М. дода шуд. Ӯ андешаҳояшро оид ба рисолаи илмии Сайвализода Ҷ.С. иброз намуда, баъзе камбудиву норасоиҳои рисоларо қайд намуд. Дар умум қайд кард, ки рисола кори илмии анҷомёфта буда, ба ҳимоя тавсия карда мешавад.

Сипас дотсент Искандаров Ш.Ф. андешаҳояшро оид ба рисола иброз намуда, қайд кард ки он дар сатҳи хуб навишта шудааст ва ба ҳимоя дар Шурои диссертатсионӣ тавсия карда мешавад.

Инчунин, қайд гардид, ки Сайвализода Ҷ.С., муҳаққиқи ҷавони пурмасъул буда, муаллифи беш аз 8 мақолаи илмӣ мебошад ва бо маърӯзаҳои худ дар конференсияҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявию байналмилалӣ ва семинарҳои илмӣ-амалӣ иштирок ва баромад намудааст.

Ҳамзамон, баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳ баён намудани нуктаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки дар амалӣ намудани пешниҳодҳо ва тавсияҳои марбут ба диссертатсия Сайвализода Ҷ.С. мусоидат менамояд.

Мудири кафедра Мирализода И.Қ. низ андешаҳояшро оид ба рисолаи мазкур иброз намуд, ки дар рисолаи илмӣ асосан ғалатҳои техникӣ ва риоя нашудани баъзе қоидаҳои нав ба чашм мерасанд, ки аз ҷониби унвонҷӯ ислоҳ карда шуда, ҷавобу шарҳҳои муфассал гардонид.

Мудири кафедра Мирализода И.Қ. андешаҳои аъзои кафедраро ба инобат гирифта, пас аз муҳокима рисолаи номзадии Сайвализода Ҷ.С. - ро ба овоздиҳӣ гузошт. Аз аъзои кафедра хоҳиш намуд, ки мавқеи худро оид ба рисолаи номзадии Сайвализода Ҷ.С. муайян намоянд. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 20 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 20 нафар, «зид» – 0 нафар, «бетараф» – 0 нафар. Ҳамин тариқ,

**Қарор қабул карда шуд:**

1. Рисолаи унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Сайвализода Ҷумахон Сайвалӣ дар мавзуи «Таҳаввул ва рушди ҳуқуқу озодиҳои иктисодиву иҷтимоии инсон дар Тоҷикистон» зери роҳбарии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С. барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат тавсия карда шавад.
2. Хулосаи мусбати кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба рисолаи илмии унвонҷӯ Сайвализода Ҷумахон Сайвалӣ дода шавад. (Хулосаи кафедра замима мегардад)

И.в. мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, д.и.ҳ., профессор — Мирализода И.Қ.

Котиби маҷлис — Азизов С.С.

Имзои Мирализода И.Қ.
ва Азизов С.С.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ — Тавқиев Э.Ш.
«14» феврали 2025